**Тақризи мушовири илмӣ**

ба диссертатсияи Искандаров Ҳофиз Ҳакимович дар мавзуи «Такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир: назария, методология, амалия», аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ пешниҳод карда мешавад.

Диссертатсияи Искандаров Ҳ.Ҳ. дар мавзуи «Такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир: назария, методология, амалия» яке аз мавзуъҳои мубрами соҳаи иқтисодӣ буда, натиҷаи меҳнати чандинсолаи муаллиф дониста мешавад ва таҳқиқоти мустақили анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад. Мавзуи диссертатсия бо назардошти такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир омода гардида, аз нигоҳи назариявӣ, методологӣ ва амалӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Сармояи инсонӣ бидуни шубҳа дар замони ҳозира, ҳамчун омили муҳимтарини рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа эътироф карда шудааст. Махсусан қайд кардан зарур аст, ки рушди сармояи инсонӣ боиси ба даст овардани манфиатҳои зиёди иҷтимоию иқтисодӣ хоҳад гашт. Аз ин ҷост, ки рушду инкишофёбии сармояи инсонӣ ва таҳияи тавсияҳои амалии такмили низоми идоракунии он дар шароити рушди иқтисодиёти муосир, ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дониста мешавад.

Новобаста аз он, ки оид ба масъалаи идоракунии сармояи инсонӣ ва рушду инкишофдиҳии паҳлуҳои асосии он таълифоти зиёди илмӣ аз ҷониби олимони хориҷию ватании соҳа дар ин самт анҷом додашудааст, вале муаллиф дар назди худ мақсад гузоштааст, ки онро дар чаҳорчубаи тағйиротҳои муосири иқтисодӣ ва зуд-зуд дигаргуншавии талаботҳои истеъмолию истеҳсолӣ баррасӣ намояд, зеро паҳлӯҳои муҳими масъалаи мазкур аз нигоҳи назариявию амалӣ, методиву методологӣ ва рушди стратегии он таваҷҷуҳи ҷидиеро талаб менамояд.

Бартарии назариявии диссертатсияи мазкур дар он аст, ки назария ва унсурҳои сармояи инсонӣ вобаста ба таҳавулотҳои замони муосир

дигаргун гашта, такмили идоракунии сармояи инсонӣ вобаста ба рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир ва системаву моделҳои электрони интернетии ҷаҳони муосир дар диссертатсияи мазкур ҷой дода шудааст.

Муаллиф кушиш намудааст, ки сармояи инсониро ҳамчун категорияи муҳими иқтисодӣ баррасӣ намуда, идоранамоии онро вобаста ба дигаргуншавии муносибатҳои иқтисодӣ таҳлилу баррасӣ намояд.

Муҳимияти назарявию методологии диссертатсияи доктории мазкур аз он иборат аст, ки дар он сармояи инсонӣ ва унсурҳои асосии он таҳлил карда шуда, идоракунии муосири он дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт асоснок карда шудааст.

Дар диссертатсия исбот гардидааст, ки ҷаҳони имрӯза ба марҳилаи нави рушди иқтисодиёт ҳаракат мекунад, ки асоси пешравии онро сармояи инсонӣ, бунёди донишҳои нави иқтисодӣ, истифодаю идоракунии зеҳнҳо ва тавонмандию иқтидори кадрӣ, қобилияту истеъдоди созандагии онҳо ташкил менамояд. Пешниҳодҳои мушахас доир ба рушду инкишофдиҳии сармояи инсонӣ вобаста ба рушди инноватсионии иқтисодиёт манзур карда шудааст, ки ин дар як сатҳи баланд иҷро гардидани диссертатсияи мазкурро нишон медиҳад.

Дар рафти иҷрои таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф доираи васеи адабиётҳои илмии ватанию хориҷиро вобаста ба рушду инкишофдиҳии сармояи инсонӣ омӯхта, дар асоси онҳо оид ба ҳалли муаммоҳои рушду инкишофёбии сармояи инсониро дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт, махсусан ҷиҳати татбиқ ва дар амал ҷорӣ намудани ҳадафҳои стратегии кишвар тавсияҳои муфит пешниҳод кардааст. Аз ин лиҳоз, қайд кардан ҷоиз аст, ки диссертатсияи мазкур дорои хусусиятҳои илмию амалӣ буда, дар як сатҳи баланд иҷро гардидааст.

Аз рӯйи маводи таҳқиқоти диссертатсия аз ҷониби муаллиф нуқтаҳои асосӣ дар маҷалаҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардида, маърузаҳо дар конфронсу симпозиумҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ироа карда шудааст. Дуруст ва эътимоднокии муқарароти

илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия дарҷгардида аз арзиши илмию амалии диссертатсия гувоҳӣ медиҳад.

Муаллиф докторанти рузона, дар назди кафедраи идоракунии захираҳои инсонии факултети иқтисод ва идораи ДМТ буда, зери роҳбарии ӯ ду нафар унвонҷӯ ва як нафар доктори PhD корҳои илмии худро анҷом дода истодаанд.

Диссертатсияи Искандаров Ҳофиз Ҳакимович дар мавзуи «Такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир: назария, методология, амалия» ба муқаррароти Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тағйиру илова аз 26.06.2023, №295) ва талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод карда мешавад.

**Мушовири илмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
мудири кафедраи идоракунии
захираҳои инсонии ДМТ Ғаниев Т.Б.

Имзои Т.Б. Ғаниевро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«25» 05 2024

**Суроғаи Донишгох:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734020, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17.
Саҳифаи интернетӣ: www.tnu.tj. Телефон: (+992-37) 221-77-11. Факс (+992-37) 221-48-84.
E-mail: tgnu@mail.tj. tnu.int.re@gmail.com.